

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№29 (4925)

ЧОРШАНБЕ, 5 МАРТИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

www.sadoimardum.tj






## ТАЪИНОТИ КАДРӢ

**4-уми марти соли 2025 дар Қасри миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кадрҳоеро, ки дар мақомоти судӣ ва прокуратура ба вазифаҳои судя, муовин ва раисони судҳои як қатор шаҳру ноҳияҳои кишвар ва сардорони баъзе аз раёсатҳои Прокуратураи генералӣ, прокуророни шаҳру ноҳияҳо таъин гардидаанд, барои суҳбат ба ҳузур пазируфтанд.**

Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон раисони суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судяҳо, раисони суди як қатор шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таъин гардиданд.

Дар мувофиқа бо Роҳбари давлат прокурори шаҳри Нораки вилояти Хатлон, прокурори ноҳияи Айнии вилояти Суғд, прокурори ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, прокурори назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, прокурори назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Хатлон ва сардорони як қатор раёсатҳо ва шуъбаи дастгоҳи марказии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби кадрҳои ҷавону пуртаҷриба таъин карда шуданд.

Аксари онҳое, ки имрӯз дар мақомоти судӣ ва прокуратура таъин шуданд, кадрҳои ҷавону корозмуда мебошанд. Бояд гуфт, ки дар мақомоти судӣ бонувону духтароне, ки парвардаи даврони соҳибистиқлолӣ мебошанд, ба вазифаҳои пурмасъули мақомоти судӣ таъин шуданд.

Аз шумораи умумии кадрҳои навтаъингардида 65 нафарашон ба ҳайси судя-коромӯз бори аввал ба вазифаи судя таъин карда шуданд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушди мақомоти судӣ, амалисозии барномаи ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ, такмили қонунгузории соҳа ва боз ҳам беҳтар намудани вазъи иҷтимоии кормандони мақомоти судӣ ва прокуратура бо таҳлилҳо андешаронӣ намуданд.

Президенти кишвар барои ислоҳи камбудиҳо, аз ҷумла риояи муҳлати баррасии парвандаҳо, таъмини адолати судӣ ва волоияти қонун дар назди кадрҳои навтаъиншуда вазифаҳои мушаххас гузоштанд.

Ба роҳбарони масъули соҳаҳо супориш дода шуд, ки ба масъалаҳои ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ ва омодагии касбии онҳо, инчунин, андешидани чораҳои қатъӣ барои пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кормандони мақомоти судӣ ва прокуратураро ба бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва забономӯзӣ ҳидоят намуданд. Бояд гуфт, ки барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русӣ ва англисӣ, ба судяҳо ду сол муҳлат дода шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат судяҳо ва кормандони мақомоти прокуратураро ба фаъолияти содиқонаю софдилона дар роҳи хизмат ба давлат ва мардуми Тоҷикистон, риояи фарҳанги волои муомилаю муошират ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ раҳнамун карданд.

---

**www.prezident.tj**

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2025»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» аз 7 декабри соли 2024 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2024, №12, мод. 786) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

- дар муқаддимаи қисм рақами «49582169» ба рақами «50562169» иваз карда шавад;
- дар муқаддимаи банди 1) рақами «35476300» ба рақами «36456300» иваз карда шавад;
- зербанди б) банди 1) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«б) воридоти ғайриандозӣ – 3448051 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби бозпас гардондани 980000 ҳазор сомонӣ аз Бонки миллии Тоҷикистон, ки тибқи амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2011, №АП-1672 ҷиҳати сармоябарқароркунӣ ҷудо гардидааст;».

2. Дар моддаи 2:

- дар муқаддимаи қисм рақами «51591423» ба рақами «52571423» иваз карда шавад;
- дар банди 8) рақами «8406139» ба рақами «9386139» иваз карда шавад.

3. Дар моддаи 4 рақамҳои «21091186» ва «23011535» мувофиқан ба рақамҳои «22071186» ва «23991535» иваз карда шаванд.

4. Дар моддаи 5:

- дар муқаддимаи қисм рақами «21091186» ба рақами «22071186» иваз карда шавад;
- дар банди 7) рақами «2325742» ба рақами «3305742» иваз карда шавад.

5. Дар банди 8) моддаи 6 рақами «2907143» ба рақами «3887143» иваз карда шавад.

6. Дар моддаи 8:

- дар муқаддимаи қисм рақами «23011535» ба рақами «23991535» иваз карда шавад;
- дар банди 9) рақамҳои «4636938» ва «4061130» мувофиқан ба рақамҳои «5616938» ва «5041130» иваз карда шаванд.

8. Дар сатрҳои рамзҳои 09 ва RSE051 замимаи 2 рақамҳои «2907143» ва «2882488» мувофиқан ба рақамҳои «3887143» ва «3862488» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 феврали соли 2025, №2156**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Дар бораи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Чехия таъин намудани Сатторов И.М.

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Федеративии Германия Сатторов Имомудин Мирзоевич ҳамзамон сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Чехия таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 марти соли 2025, №975**



## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Дар бораи озод ва таъин намудани судяҳо

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Назарзода Абдуҳанон Худойназар аз вазифаи раиси суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод гардида, раиси суди шаҳри Роғун таъин карда шавад.
2. Умарзода Фирдавс Тавакалхуҷа аз вазифаи раиси суди ноҳияи Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод гардида, раиси суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъин карда шавад.
3. Саломатшозода Муъмин Давлатшо аз вазифаи раиси суди ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод гардида, муовини раиси суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъин карда шавад.
4. Искандархонзода Бибифотима Амиргулхон аз вазифаи судяи суди ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод гардида, раиси суди ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъин карда шавад.
5. Нарзулозода Илҳом Алӣ аз вазифаи судяи суди ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод гардида, раиси суди ноҳияи Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъин карда шавад.
6. Манзаршо Ашурбеки Имомёрбек аз вазифаи судяи суди шаҳри Ҳисор озод гардида, раиси суди ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъин карда шавад.
7. Мирзозода Ғиёсиддин Низом аз вазифаи судяи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе озод гардида, муовини раиси суди вилояти Хатлон таъин карда шавад.
8. Бобоҷон Шералӣ аз вазифаи судяи суди вилояти Хатлон озод гардида, муовини раиси суди вилояти Хатлон таъин карда шавад.
9. Шарофзода Баҳодур Қурбон аз вазифаи судяи суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе озод гардида, муовини якуми раиси суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе таъин карда шавад.
10. Ҳамрохонзода Умедҷон Сафаралӣ аз вазифаи судяи суди ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон озод гардида, судяи суди вилояти Хатлон таъин карда шавад.
11. Солеҳзода Шараф Саттор аз вазифаи судяи суди ноҳияи Носири Хусрави вилояти Хатлон озод гардида, судяи суди вилояти Хатлон таъин карда шавад.
12. Мирзозода Абдуҷаббор Азиз аз вазифаи судяи суди ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон озод гардида, судяи суди вилояти Хатлон таъин карда шавад.
13. Шамсзода Алимардон Назир аз вазифаи судяи суди шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон озод гардида, судяи суди вилояти Хатлон таъин карда шавад.
14. Холиқзода Абдуҳаким Абдулваҳоб аз вазифаи судяи суди ноҳияи Рашт озод гардида, судяи суди вилояти Хатлон таъин карда шавад.
15. Муминзода Ҳасан Камол аз вазифаи раиси суди ноҳияи Вахши вилояти Хатлон озод гардида, судяи суди вилояти Хатлон таъин карда шавад.
16. Абдуллозода Фарҳод Тағойбек бо сабаби ба охир расидани муҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди шаҳри Ваҳдат озод гардида, судяи суди вилояти Хатлон таъин карда шавад.
17. Гадозода Баҳром Ҳайталӣ аз вазифаи судяи суди вилояти Хатлон озод гардида, судяи суди иқтисодии шаҳри Душанбе таъин карда шавад.
18. Ҷалилзода Сайкабир Халил аз вазифаи судяи суди ноҳияи Рӯдакӣ озод гардида, судяи суди иқтисодии шаҳри Душанбе таъин карда шавад.
19. Назариён Абдураҳим Назар аз вазифаи раиси суди ноҳияи Носири Хусрави вилояти Хатлон озод гардида, раиси суди ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон таъин карда шавад.
20. Амиршозод Дилшод Ҷумахон аз вазифаи судяи суди ноҳияи Вахши вилояти Хатлон озод гардида, раиси суди ноҳияи Носири Хусрави вилояти Хатлон таъин карда шавад.
21. Назарзода Азиз Абдураҳим аз вазифаи судяи суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон озод гардида, судяи суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе таъин карда шавад.
22. Шоҳиён Файзиддин Боймаҳмад бо сабаби ба охир расидани муҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон озод гардида, муовини якуми раиси суди шаҳри Ҳисор таъин карда шавад.
23. Алимзода Шодӣ Аслам аз вазифаи судяи суди ноҳияи Муъминободи вилояти Хатлон озод гардида, судяи суди шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон таъин карда шавад
24. Чиллазода Акмалҷони Қарахон аз вазифаи муовини раиси суди шаҳри Бохтари вилояти Хатлон озод гардида, муовини якуми раиси суди шаҳри Бохтари вилояти Хатлон таъин карда шавад.
25. Одиназода Амирҷон Бегиҷон аз вазифаи судяи суди ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон озод гардида, муовини раиси суди шаҳри Бохтари вилояти Хатлон таъин карда шавад.
26. Муродзода Мустафо Маҳмадраҷаб аз вазифаи судяи суди шаҳри Бохтари вилояти Хатлон озод гардида, судяи суди шаҳри Турсунзода таъин карда шавад.
27. Шарифзода Хуршед Қаҳор бо сабаби ба охир расидани муҳлати ваколат аз вазифаи раиси суди ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод гардида, судяи суди шаҳри Турсунзода таъин карда шавад.
28. Иброҳимзода Сунатулло Ҳукмат бо сабаби ба охир расидани муҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди ноҳияи Фархори вилояти Хатлон озод гардида, судяи суди шаҳри Турсунзода таъин карда шавад,
29. Исозода Баҳодур Чиллахон аз вазифаи муовини якуми раиси суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе озод гардида, раиси суди ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон таъин карда шавад.
30. Иброҳимзода Дурандеш Бегмурод аз вазифаи судяи суди ноҳияи Вахши вилояти Хатлон озод гардида, раиси суди ноҳияи Шамсиддин Шоҳини вилояти Хатлон таъин карда шавад.
31. Юсуфзода Қудратулло Файзулло аз вазифаи раиси суди ноҳияи Лахш озод гардида, раиси суди ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон таъин карда шавад.
32. Рушанзода Суҳроб Рушан аз вазифаи раиси суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе озод гардида, раиси суди вилояти Суғд таъин карда шавад,

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025»

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 26 феврали соли 2025, №1585**



# ГУФТУГӮ АЗ ТАҶРИБАИ СУЛҲИ ТОҶИКОН ДАР ЖЕНЕВА

**Дар шаҳри Женева Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар иҷлосияи 12-уми Парлумони байналмилалӣ оид ба таҳаммулгароӣ ва сулҳ иштирок ва суханронӣ намуд.**

Зимни суханронӣ Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои иҷлосия, таҷрибаи сулҳи тоҷикон ва расидани Тоҷикистон ба сулҳу оромӣ ва рушди устувор маълумот пешниҳод карда, нақши муҳими Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар фароҳам овардани сулҳу субот таъкид намуд.

Маҳмадтоир Зокирзода иброз дошт, ки имрӯз таҷрибаи сулҳи тоҷикон ба мактаби ибратомӯзи ҳалли низоъҳои дохилӣ мубаддал гардида, ин таҷриба ҳамчун намунаи беҳтарин аз ҷониби дигар кишварҳо ва минтақаҳо қабул шудааст.

# МУЛОҚОТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО МАРТИН ЧУНГОНГ

**Дар ҳошияи иҷлосияи 12-уми Парлумони байналмилалӣ оид ба таҳаммулгароӣ ва сулҳ мулоқоти Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо Дабири кулли Иттиҳоди байнипарлумонӣ (IPU) Мартин Чунгонг баргузор гардид.**

Зимни мулоқот ҷонибҳо масъалаи таҳкими робитаҳои байнипарлумонӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди байнипарлумониро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Маҳмадтоир Зокирзода зимни вохӯрӣ Мартин Чунгонгро ба Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо, ки моҳи майи соли 2025 дар Душанбе баргузор мегардад, даъват намуд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ**

Интихоботи вакилони халқ – 2025

# ИНТИХОБОТ АЗ НИГОҲИ МУШОҲИДОНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Сеюми марти соли 2025 дар шаҳри Душанбе баъди эълони натиҷаҳои пешакии интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки мушоҳидони байналмилалӣ аз Созмони ҳамкории Шанхай нишасти матбуотӣ баргузор гардид.**



Муовини Дабири кулли Созмони ҳамкории Шанхай Пиао Янфан иброз намуд, ки Созмони ҳамкории Шанхай бо даъвати Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 март дар мониторинги байналмилалии омодагӣ ва баргузории интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуд.

«Даъвати мушоҳидони байналмилалӣ хоҳиши роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини ошкорбаёнӣ, шаффофият ва демократия дар интихоботи парлумонӣ мебошад. Он, ҳамчунин, ба назар гирифтани андешаҳои нозирони байналмилалиро барои такмили минбаъдаи раванди интихобот ифода менамояд», - таъкид намуд Пиао Янфан.

Иброз гардид, ки намояндагии созмон 18 мушоҳидро аз 7 кишвари аъзои Созмони ҳамкории Шанхай, аз ҷумла намояндагони ботаҷрибаи мақомоти қонунгузор, иҷроия ва интихоботии давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай, кормандони дипломатии сафоратхонаҳо дар Душанбе, инчунин, кормандони Котиботи Созмони ҳамкории Шанхайро аккредитатсия намудааст.

Ҳайат фаъолияти баланди шаҳрвандии интихобкунандагон ва маҳорати касбии кормандони комиссияҳои участкавии интихоботро дар ташкил ва гузаронидани овоздиҳӣ таъкид намуданд.

Бо мақсади ба даст овардани манзараи мукаммали ҷараёни интихобот дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои ҳайат дар шаҳрҳои Душанбе, Ҳисор, Турсунзода, Норак ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мушоҳидаҳо гузарониданд.

Дар рӯзи овоздиҳӣ ва қабл аз он аъзои ҳайат ба 116 участкаи интихоботӣ рафтанд.

«Аъзои комиссияҳои участкавии интихоботӣ барои овоздиҳӣ ва риояи принсипҳои холисона тамоми шароити заруриро фароҳам овардаанд. Онҳо бо интихобкунандагон ва нозирон бо камоли кордонӣ ва меҳрубонона муошират карда, сари вақт масъалаҳои бамиёномадаро тавзеҳ доданд. Кори онҳо нисбат ба интихобкунандагон, намояндагони ҷомеа, нозирони байналмилалӣ ва рӯзноманигорон бодиққат, хушмуомила ва бо эҳтиром буд», - гуфт Пиао Янфан.

Ҳайати намояндагон фаъолияти баланди занону ҷавононро дар рӯзи овоздиҳӣ бо қаноатмандӣ иброз менамоянд. Ба ҷавононе, ки бори аввал овоз доданд, туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуданд.

Муовини Дабири кулли Созмони ҳамкории Шанхай Пиао Янфан гуфт, ки дар участкаҳои интихоботӣ овоздиҳӣ дар вазъияти орому муташаккилона ва бо риояи тамоми тартиботи муқарраршуда гузашт.

«Ҳайат ягон нақзи қонунгузории миллиро, ки метавонад қонунӣ будани интихоботро зери шубҳа барад ё ба натиҷаҳои онҳо таъсир расонад, сабт накарданд», - таъкид кард Пиао Янфан.

Ҳайат интихоботи гузаштаро шаффоф, боэътимод ва демократӣ эътироф менамоянд.

# МУШОҲИДОНИ ИДМ: ИНТИХОБОТ ОШКОРОВУ ШАФФОФ БУД



**Ҳайати нозирони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар ҷараёни интихоботи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 2 марти соли 2025 баргузор шуд, ягон қонуншиканӣ ошкор накарданд. Дар ин хусус сеюми марти соли равон роҳбари ҳайат Леонид Анфимов зимни нишасти матбуотӣ бахшида ба натиҷаҳои мониторинги омодагӣ ва баргузории маъракаи интихобот иттилоъ дод.**

«Намояндагии мо ягон қонуншиканиеро, ки метавонад ба натиҷаҳои интихобот таъсир расонад, муайян накард», - зикр кард номбурда.

Бино ба гуфти ӯ, овоздиҳӣ дар интихоботи вакилон дар вазъияти ором ва дараҷаи баланди ташкилӣ гузашт.

«Ҳайати нозирони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба хулосае омад, ки интихоботи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан мутобиқи Конститутсия ва қонунгузории интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Интихобот дар сатҳи баланди ташкилӣ, ошкоро ва шаффоф баргузор шуда, ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба изҳори озоди иродаи худ таъмин намуд», - изҳор дошт роҳбари ҳайати нозирони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Леонид Анфимов.

**Ш. АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум»**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи озод ва таъин намудани судяҳо

**(Идома аз саҳ. 1)**

33. Давлатзода Саидраҳмон Аҳтам аз вазифаи муовини якуми раиси суди шаҳри Душанбе озод гардида, раиси суди ноҳияи Лахш таъин карда шавад.

34. Абдуллозода Фарҳод Нусратулло аз вазифаи раиси суди шаҳри Гулистони вилояти Суғд озод гардида, раиси суди шаҳри Леваканти вилояти Хатлон таъин карда шавад.

35. Насриддинзода Нигина Негмат аз вазифаи судяи суди ҳарбии гарнизони Хуҷанд озод гардида, раиси суди шаҳри Гулистони вилояти Суғд таъин карда шавад.

36. Зуҳурзода Далер Шукурҷон аз вазифаи раиси суди ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон озод гардида, раиси суди шаҳри Ваҳдат таъин карда шавад.

37. Абдуллозода Ҷамолиддин Абдулло аз вазифаи раиси суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон озод гардида, раиси суди ноҳияи Варзоб таъин карда шавад.

38. Камолзода Сайфиддин Исмон аз вазифаи раиси суди шаҳри Ваҳдат озод гардида, раиси суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон таъин карда шавад.

39. Саидмухторзода Шуҳрат бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд озод гардида, раиси суди ноҳияи Нуробод таъин карда шавад.

40. Мирзоҳомидзода Диловар аз вазифаи раиси суди шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд озод гардида, раиси суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд таъин карда шавад

41. Юнусзода Рустам Примқули аз вазифаи муовини раиси суди ноҳияи Спитамени вилояти Суғд озод гардида, раиси суди шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд таъин карда шавад.

42. Ҷабборзода Фурқат Саттор аз вазифаи раиси суди шаҳри Бӯстони вилояти Суғд озод гардида, раиси суди шаҳри Конибодоми вилояти Суғд таъин карда шавад.

43. Зоирзода Боҳир аз вазифаи судяи суди вилояти Суғд озод гардида, раиси суди шаҳри Бӯстони вилояти Суғд таъин карда шавад.

44. Зуҳурзода Давлатмурод Боймурод аз вазифаи судяи суди шаҳри Турсунзода озод гардида, судяи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

45. Файзуллозода Саидаъзам Ҳамид аз вазифаи судяи суди вилояти Суғд озод гардида, судяи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

46. Ниёззода Сурайё Ҷума аз вазифаи судяи суди ноҳияи Рӯдакӣ озод гардида, судяи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

47. Қосимзода Мавҷуда бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе озод гардида, судяи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

48. Файзуллозода Сабоҳат Муҳидин бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе озод гардида, судяи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

49. Маҳмадхонзода Зафар Маҳмадхон аз вазифаи судяи суди ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд озод гардида, судяи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

50. Муминзода Исмоил Маҳмадулло бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди шаҳри Ваҳдат озод гардида, муовини раиси суди ноҳияи Рӯдакӣ таъин карда шавад.

51. Назарзода Манучеҳр Ҳалимджон бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди шаҳри Турсунзода озод гардида, муовини раиси суди шаҳри Турсунзода таъин карда шавад.

52. Обидиён Шавкатбек Анварӣ аз вазифаи судяи суди вилояти Суғд озод гардида, муовини раиси суди шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд таъин карда шавад.

53. Раҳматиллозода Мафтуна аз вазифаи судяи суди вилояти Суғд озод гардида, муовини раиси суди вилояти Суғд таъин карда шавад.

54. Пӯлодӣ Таҳмина Сӯҳробзода бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз вазифаи муовини раиси суди шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд озод гардида, судяи суди вилояти Суғд таъин карда шавад.

55. Рустамзода Маъруфҷон бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд озод гардида, судяи суди вилояти Суғд таъин карда шавад.

56. Назарзода Нигора Облоберди бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе озод гардида, судяи суди вилояти Суғд таъин карда шавад.

57. Ғаффорзода Абдулҳамид аз вазифаи судяи суди шаҳри Конибодоми вилояти Суғд озод гардида, судяи суди вилояти Суғд таъин карда шавад.

58. Зиёзода Маҳмадулло Ҳасан бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Сугд озод гардида, муовини раиси суди ноҳияи Спитамени вилояти Суғд таъин карда шавад.

59. Бобокалонзода Завқиддин Камолиддин аз вазифаи судяи суди ноҳияи Ашти вилояти Суғд озод гардида, судяи суди вилояти Суғд таъин карда шавад.

60. Искандарзод Абдулҳамид Искандар бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе озод гардида, судяи суди вилояти Суғд таъин карда шавад.

61. Шарифзода Аюбҷони Саидхуҷа бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди ноҳияи Ҷаббор Расулови вилояти Суғд озод гардида, судяи суди вилояти Хатлон таъин карда шавад.

62. Саидзода Илҳом Ҳамид аз вазифаи судяи суди ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон озод гардида, судяи суди шаҳри Хуҷанд вилояти Суғд таъин карда шавад.

63. Муслибиддинзода Сомониддин Муслибиддин бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди шаҳри Истиқлоли вилояти Суғд озод гардида, судяи суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд таъин карда шавад.

64. Қурбонзода Каминахон Раҳмат бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе озод гардида, муовини якуми раиси суди шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

65. Амирзода Тоҷидин Муҳиддин бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе озод гардида, судяи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

66. Раҳмонзода Малоҳат Солеҳ аз вазифаи судяи суди шаҳри Душанбе озод гардида, муовини раиси суди шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

67. Абдураҳимзода Даврон Саъдулло бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе озод гардида, судяи суди шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

68. Абдураҳимзода Лутфия Абдураҳим бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе озод гардида, судяи суди шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

69. Сафарзода Одинашоҳ Муродалӣ бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон озод гардида, судяи суди шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

70. Раҷабзода Суҳроб Раҷаб аз вазифаи судяи суди вилояти Хатлон озод гардида, судяи суди шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

71. Мустафозода Шаҳриёр бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе озод гардида, муовини раиси суди шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

72. Маҳмадуллозода Изатулло Неъматулло бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати ваколат аз вазифаи судяи суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе озод гардида, муовини якуми раиси суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

73. Ҳакимзода Дилшод Абдусамад аз вазифаи судяи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе озод гардида, муовини якуми раиси суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе таъин карда шавад.

74. Муқаиршо Атригул Амонулло судяи суди ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон,

Давлатқадамзод Саидқоим Саидқадам судяи суди ноҳияи Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон,

Кишварзода Каюмарс Абдурашид судяи суди ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон,

Султонзода Шаҳло Абдуқодир судяи суди иқтисодии шаҳри Душанбе,

Ҳусайнзода Ҷомӣ Давлатали судяи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе,

Холмуродзода Насим Гулмурод судяи суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе,

Каримзода Мунира Каримхон судяи суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе,

Шарифзода Одилҷон Муродали судяи суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе,

Толибзода Дилошуб Абдурашид судяи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе,

Исмоилзода Зиёратшо Изатулло судяи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе,

Абдулазиззода Тахмина Абдулазиз судяи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе,

Хоҷазода Абдуқаҳор Қурбон судяи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе,

Каримзода Рузафзун Шодмон судяи суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе,

Босхонзода Саида Босхон судяи суди ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе,

Наҷмудинзода Оишамоҳ Наҷмудин судяи суди ноҳияи Муъминободи вилояти Хатлон,

Неъматзода Нусрат Неъмат судяи суди ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон,

Қурбонзода Толиб Холмаҳмад судяи суди ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон,

Самандари Қаландар судяи суди ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон,

Мирзомуродзода Мустафо Абдухолиқ судяи суди ноҳияи Носири Хусрави вилояти Хатлон,

Шарифзода Ховари Шодихон судяи суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон,

Муминзода Замира Ярибой судяи суди ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон,

Вализода Ҷонибек Саидмумин судяи суди ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон,

Абдулхайрзода Ҷамила судяи суди шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон,

Азимӣ Сарҳад Мурод судяи суди шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон,

Мусозода Мансур Мухтор судяи суди шаҳри Бохтари вилояти Хатлон,

Абдуллозода Илҳом Абдулазиз судяи суди шаҳри Бохтари вилояти Хатлон,

Сулаймонӣ Некрӯз Сулаймон судяи суди ноҳияи Вахши вилояти Хатлон,

Қосимзода Темурмалик Музаффар судяи суди ноҳияи Вахши вилояти Хатлон,

Нозимзода Рустам Саид судяи суди ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон,

Воҳидзода Ҳасан Ҷоми судяи суди ноҳияи Фархори вилояти Хатлон,

Расулзода Азамат Мирзоалӣ судяи суди ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон,

Раҳмонзода Фирузҷони Давлат судяи суди ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон,

Давлатзода Нозим Исрам судяи суди ноҳияи Балҷувони вилояти Хатлон,

Ализода Парвиз Шодмон судяи суди ноҳияи Рашт,

Гулзода Шоҳвали Сафархуҷа судяи суди ноҳияи Сангвор,

Садирзод Бахтиёр Содиқ судяи суди ноҳияи Рӯдакӣ,

Салоҳиддинзода Саломиддин Салоҳиддин судяи суди ноҳияи Рӯдакӣ,

Содиқзода Сайёд судяи суди ноҳияи Рӯдакӣ,

Фаридуни Раҳматшо судяи суди шаҳри Ваҳдат,

Иброҳимзода Тоҷиддин Иброҳим судяи суди шаҳри Ваҳдат,

Нодирӣ Муҳаммадулло Фозилбек судяи суди шаҳри Ҳисор,

Рустамзода Сайлапочо Рустам судяи суди шаҳри Ҳисор,

Ҷаборзода Ҳикматуллоҳ Хонҷон судяи суди иқтисодии вилояти Хатлон

Ҳамроқулзода Борбад Аслиддин судяи суди иқтисодии вилояти Суғд,

Мусоҷонзода Умед Мусоҷон судяи суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд,

Саторзода Шоҳрух Ҳаитбек судяи суди шаҳри Конибодоми вилояти Суғд,

Нодирзода Нозимҷон Мансур судяи суди шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд,

Анварзода Алишер Анвар судяи суди ноҳияи Ашти вилояти Суғд,

Саидзода Муҳаммадҷон Саидбек судяи суди ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд,

Шарифзода Манижа Мурод судяи суди шаҳри Исфараи вилояти Суғд,

Ҷамолзода Ганҷина Ҷамол судяи суди ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд,

Мартабшозода Фаридун судяи суди ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд,

Мавлонзода Камолхон Мавлонӣ судяи суди ноҳияи Ҷаббор Расулови вилояти Суғд,

Ғафурзода Фарзона Амирҷон судяи суди шаҳри Истиқлоли вилояти Суғд,

Ҳукумзода Адҳамшо Абдузоҳир судяи суди ҳарбии гарнизони Хуҷанд,

Исмоилзода Диловар Дилшод судяи суди ҳарбии гарнизони Хуҷанд таъин карда шаванд.

75. Воҳидзода Раҷабалӣ Ғанӣ аз вазифаи раиси суди ноҳияи Варзоб,

Сафарзода Шералӣ Нур аз вазифаи раиси суди ноҳияи Ҷалолиддин Балхии вилояти Хатлон бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан озод карда шаванд.

76. Бобоҷонзода Номвар Шодиқул аз вазифаи судяи суди шаҳри Исфараи вилояти Суғд,

Назарзода Рустам Ҳотам аз вазифаи раиси суди шаҳри Леваканти вилояти Хатлон,

Маликзода Ойимо аз вазифаи судяи суди ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд,

Мавлонзода Алишер аз вазифаи муовини якуми раиси суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе,

Ҳоҷизода Мирзошариф Мирзораҳмат аз вазифаи раиси суди вилояти Суғд бо сабаби ба кори дигар гузаштан озод карда шаванд.

77. Ваколати раиси суди шаҳри Роғун Искандарзода Раъно Саидмаҳмуд бинобар вафоташ қатъ карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 марти соли 2025, №976**

*Дар куҷо таҳсил ва кадом ихтисосро бояд интихоб намуд?*

# МАРҲАБО БА ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН!




**РАМЗИ ДОНИШГОҲ 107**

## ДОВТАЛАБОНИ АЗИЗ!

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 1990 таъсис ёфта, аввалин маротиба дар таърихи Тоҷикистон барои соҳаҳои воқеии иқтисодиёти кишвар - саноати сабук ва хӯроквории мутахассисони маълумоти олидорро, ки то даврони истиқлолият дар хориҷи кишвар тайёр карда мешуданд, таъмин намуд. Донишгоҳ дар тӯли фаъолият барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар зиёда аз 18000 нафар мутахассисони рақобатпазир тайёр намудааст ва ҳоло онҳо дар соҳаҳои калидии иқтисодиёти кишвар фаъолият менамоянд.

Донишгоҳ барои ташкили босамари ҷараёни таълим ва дар сатҳи талаботи стандартҳои байналмилалӣ тайёр намудани мутахассисон дорои потенсиали баланди илмӣ–педагогӣ, пойгоҳи васеи моддию техникӣ мебошад. Зиёда аз 90 синфхона бо тахтаҳои электронӣ ва асбобҳои мултимедиявӣ ҷиҳозонида шуда, дар ҷараёни таълим ва корҳои илмию тадқиқотӣ зиёда аз 1000 компютер ва 24 синфхонаи компютерӣ, зиёда аз 33 озмоишгоҳи тахассусӣ мавриди истифода қарор доранд. Донишгоҳ бо хати оптикӣ ба шабакаи интернет пайваст мебошад. Мавҷудияти Академияи маҳаллии Cisco имконият медиҳад, ки донишҷӯён дар курсҳои сертификатсионии Cisco иштирок варзанд ва соҳиби сертификати дараҷаи байналмилалии мутахассиси ин ширкат гарданд.

Мавҷудияти озмоишгоҳҳои тахассусии таълимӣ, ҳамкории васеъ бо корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад, ки мутахассисон баъди хатми донишгоҳ ба талаботи бозори меҳнат тайёр бошанд ва соҳиби ҷойи кор гарданд. Донишҷӯён дар давоми таҳсил ба корхонаҳои саноатӣ, бонкҳо, ширкатҳо ба таҷрибаомӯзӣ ва гузаронидани дарсҳои тахассусӣ ҷалб карда мешаванд.



**РАҲМОНЗОДА Зоир Файзалӣ,**
**ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Дар назди донишгоҳ фаъолият намудани маркази муштараки Тоҷикистону Кореяи Ҷанубӣ оид ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имконияти васеъ фароҳам меоваранд. Дар назди донишгоҳ фаъолият намудани маркази муштараки Тоҷикистону Кореяи Ҷанубӣ оид ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имкон медиҳад, ки донишҷӯён забонҳои муосири барномасозиро аз худ намуда, тарзи барномарезии кори роботҳо ва савораҳои беодамро аз худ намоянд. Дар маркази мазкур се нафар устодони варзида аз Кореяи Ҷанубӣ дарс меомӯзонанд.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар асоси ҳамкориҳо бо таълимгоҳҳои олии кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Беларус, созишномаи ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии Полотск ба имзо расонид, ки дар заминаи он факултети муштараки Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларус ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар асоси низомномаи факултет дар назар дошта шудааст, ки донишҷӯён ду соли аввал дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таҳсил намуда, имконияти давом додани таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Беларусро доранд.



Донишгоҳ аз рӯйи 57 ихтисос дар зинаи бакалавр, аз рӯйи 36 ихтисос дар зинаи магистратура ва аз рӯйи 8 самти илмӣ докторантура аз рӯи ихтисос PhD мутахассис тайёр мекунад.

Ҳамкориҳои байналмилалии донишгоҳ васеъ буда, бо 140 таълимгоҳҳои олии хориҷи кишвар ҳамкорӣ дорад. Мутахассисон аз хориҷи кишвар даъват карда шуда, аз фанҳои тахассусӣ ба донишҷӯён дарс медиҳанд. Донишгоҳ ҳар сол дар доираи барномаҳои байналмилалии ЭРАСМУС+, GIZ соҳиби чандин грантҳо мегардад, ки грантҳо ба кормандон ва донишҷӯён барои дар хориҷи кишвар таҳсил ва таҷрибаомӯзӣ намудан имконияти васеъ фароҳам меоваранд.

Ба қарори шурои аккредитатсионии Агентии мустақили рейтинг ва аккредитатсияи Ҷумҳурии Қазоқистон аз 28 феврали соли 2020, №49 ду барномаи таълимии донишгоҳ ба мухлати 5 сол ва барои як барномаи таълимӣ ба мухлати 3, инчунин, тибқи қарори шурои мазкур аз 26 январи соли 2024, №81 ду барномаи дигари таълимӣ ба мухлати 5 сол соҳиби Шаҳодатномаи байналмилалии аккредитатсияи барномавӣ гардиданд.

Шурӯъ аз соли таҳсили 2022-2023 дар донишгоҳ ихтисоси нав - интеллекти сунъӣ таъсис дода шудааст, ки мутахассисонро мутобиқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ бо ҷалби мутахассисон аз Кореяи Ҷанубӣ омода менамояд.

Соли 2022 дар донишгоҳ маркази забономӯзии Донишкадаи шоҳ Сеҷонги Ҷумҳурии Корея бо синфхонаи муосири лингафонӣ ифтитоҳ гардид, ки дар он курсҳои забономӯзии кореягӣ бо ҷалби устодон аз Кореяи Ҷанубӣ гузаронида мешаванд.

Дар раванди автоматикунонии фаъолияти донишгоҳ дар китобхона барномаи ба таври автоматӣ баҳисобгирии захираи китобҳо, дархости автоматии китобҳо ба роҳ монда, китобхонаи электронии донишгоҳ бо истифода аз 30 адад компютер ташкил шудааст. Инчунин, як толори ташкили онлайн - дарсҳо мавриди истифода қарор дода шуд, ки бо ҷалби олимони донишгоҳҳои хориҷи кишвар дарсҳо гузаронида мешаванд.



Донишҷӯён дар марказҳои омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ва дизайн маҳорати касбии худро метавонанд сайқал диҳанд ва нозукиҳои дӯхтани сарулибос, зардӯзӣ, расмкашию нақшбандӣ дар армуғонҳоро аз худ намоянд. Инчунин, дар донишгоҳ аз рӯйи 30 ихтисос курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ-сертификатсионӣ амал менамоянд.




Дар донишгоҳ ҳар сол озмунҳои «Ихтироъкори ҷавон» ва «Беҳтарин лоиҳаҳои инноватсионии донишҷӯӣ» ва қадрдонии ғолибон бо мукофотпулиҳо ва туҳфаҳои хотиравӣ баргузор мегарданд.






Дар назди кафедраҳои тахассусӣ 19 маҳфили илмӣ-инноватсионӣ, ки барои баланд бардоштани маҳорату малакаи донишҷӯён мусоидат менамояд, фаъолият мекунад.

**ДОВТАЛАБОНИ АЗИЗ!**

**Хоҳишмандем ҳангоми интихоби ихтисосҳо ба таълимгоҳҳои олӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро дар ҷойи аввал гузоред.**

**Суроғаи мо:**
ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 63/3
